Published on The Committee of Language and Terminology by the Government of the Republic of Tajikistan (http://kumitaizabon.tj)

# Маҷлиси аъзоёни ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Пажӯҳиш»-и Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Submitted by Ҳайати тадорукот on 24 June, 2021 - 16:15
[1]

Ҳозирини гиромӣ!
Ҳамаи шуморо дар ҷаласаи ҷамъбасти шашмоҳаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад, хайра мақдам мегӯям.

Дар ҷаласаи ҷамъбасти шашмоҳа раиси Кумита О. Муҳаммадҷонзода, муовини раиси Кумита – С. Раҳматуллозода, намояндагони Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, кормандони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доранд.

Ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Пажӯҳиш»-и Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пуштибонӣ аз сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пешбурди корҳои идеологӣ-ҳизбӣ ва фаъолияти пурсамари ҳизбӣ пайваста кушиш намуда, дар роҳи амалисозии ҳадафҳои ҳизб талош меварзад.

Ташкилот аз оғози фаъолият яке аз таблиғкунандаи асосии идеологияи давлатӣ ва дастгирии асосии сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.
Яке аз омилҳои дар ниҳоди ҷавонон бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ ифтихор доштан аз давлатдории навини худ мебошад.

Ҳамзамон ба маълумоти шумо мерасонем, ки айни ҳол дар Кумита шумораи умумии кормандон 28 нафар буда, дар шаш моҳи соли ҷорӣ шумораи умумии аъзои ҳизб 21 нафар аз он ҷумла, занон 8 нафар, мардон 13 нафар буда, намояндагони ақалиятҳои миллӣ кору фаъолият надоранд. Ҳамаи кормандони Кумита таҳсилоти олӣ дошта, дар таблиғу ташвиқи Барномаи ҳизб дар ҷомеа саҳмгузор мебошанд.
Ҳаққи узвияти аъзои ҳизб ба суратҳисобти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур ба тарзи ғайринақдӣ аз музди меҳнати кормандон дар давоми соли 2021 гузаронида шудааст. Ҳамчунин иттилоъ медиҳем, ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми апрели соли 2020, №1376 раиси Кумита роҳбари гурӯҳи корӣ оид ба таҳия ва амалӣ кардани корҳои ободонию бунёдкорӣ ба муносибати ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Тоҷикобод вобаста гардидааст, ки дар давоми шаш моҳи соли 2021, оид ба таблиғу ташвиқ дар маҳаллу идораҳои минтақа чор маротиба сафар карда корҳои тарғиботию ташвиқотиро мунтазам роҳандозӣ менамояд.

Ҳамчунин, имсол мо мардуми шарафманди кишвар бо як рӯҳияи баланди созанда ва бунёдкорона ҷашни муҳимми таърихӣ 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил менамоем, ки арзишмандтарин дастовардҳои миллӣ мебошад. Бо дарки масъулияти баланд, нангу номуси ватандориву ватандӯстӣ ва бо дастовардҳои назаррас истиқбол гирифтани ин ҷашни муқаддас, пеш аз ҳама вазифа ва қарзи ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад. Мо кормандони Кумита барои дар амал тадбиқ намудани супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳои бунёдкоронаю созанда ҷиҳати баланд бардоштани мақому манзалати забони давлатӣ дар сиёсати имрӯза саъю кӯшиш намуда истодаем.

Ба итминони комил метавон гуфт, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон бо дастгирии мардуми шарифи кишвар таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳадафҳои барномавии ҳизб ноил гардида, кишвар ва мардуми шарафманди Тоҷикистонро ба сӯйи арзишмантарин хостаҳои миллӣ ва зиндагии шоиста роҳнамоӣ мекунад.

Ҳозирини гиромӣ!

Барои ҳамкориҳои пайвастаи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шоҳмансур бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи татбиқи муқарраротиҚонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои иштирок изҳори сипос менамоем. Умедвори онем, ки баъди ҷамъбасти шашмоҳа ҳамкориҳои судманди Кумита баҳри татбиқи сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Ҳизби Халкии демократии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва арҷгузори ба суннату арзишҳои миллии тоҷикӣ дар оянда боз ҳам қавитар хоҳад гашт.

**Content rating:** 3

Average: 3 (2 votes)

Rate

### Category:

- Ахбори рӯз [2]

- 

- 

- 

- 

**Source URL:**http://kumitaizabon.tj/en/node/6748

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/IMG_20210623_145016.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210623_145016.jpg [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210623_145033.jpg [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210623_145100.jpg [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210623_145125.jpg [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210623_150230.jpg [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210623_150432.jpg